**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D. КОА-004-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Одиназода Комрон Саидаброр дар мавзуи «Такмили танзими давлатии бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои мӯҳоҷират: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ))**

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ дар ҳайати доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Умаров Х.У. (раиси комиссия), доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шерова Н.Д. (аъзо) ва доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Комилов С.Ҷ. (аъзо), ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D. КОА-004-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таъсиси дода шудааст, диссертатсияи Одиназода Комрон Саидаброр дар мавзуи «Такмили танзими давлатии бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират: назария, методология ва амалия», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) пешниҳод шудааст, баррасӣ намуда, хулосаи зерин бароварданд:

**Муҳиммияти мавзуи таҳкиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Одиназода Комрон Саидаброр дар мавзуи «Такмили танзими давлатии бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират: назария, методология ва амалия», аз нигоҳи мубрамӣ хеле муҳим буда, таҳқиқоти мукаммали илмии баанҷомрасида дониста шуда, натиҷаҳои илмии боарзиши муаллифро дар худ таҷассум менамояд. Он ба ҳалли мушкилоти муосири илмӣ-назариявӣ, такмилӣ-таҳлилӣ ва методӣ-методологии такмили танзими давлатии бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират бахшида шудааст. Гузариш аз механизми нақшавии танзимкунӣ ба бозорӣ ба тағйироти куллӣ дар муносибатҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ, аз ҷумла

муносибатҳои меҳнатии бо равандҳои муҳоҷират алоқамандбуда ва ташаккулёбии низоми нави идоракунии ин равандҳо овард.

Вобаста ба ин, зарурияти таҳқиқи равишҳои асосии назариявӣ оид ба амалнамоии бозори меҳнат ва муҳоҷират, мафҳуми категориявии он аз нуқтаи назари илмии нав ва таҳдидҳои гуногуни муосири бекорӣ, таъмини шуғли аҳолӣ ва баландбардории сатҳи зиндагии аҳолӣ алоқаманд мебошад. Гузашта аз ин, таъмини шуғли пурмаҳсул яке аз ҳадафҳои стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Танзими бозори меҳнат як унсури калидии сиёсати иқтисодии давлатӣ ба шумор меравад, ки дорои хусусияти мураккаб ва бисёрсамта мебошад. Он на танҳо танзими масоили марбут ба шуғли аҳолиро дар бар мегирад, балки бо равандҳои дигари иқтисодӣ, аз ҷумла муҳоҷирати меҳнатӣ, зич алоқаманд аст. Дар ин замина, ташаккули низоми муассири танзими бозори меҳнат тақозо мекунад, ки механизми мукаммали идоракунии давлатӣ бо дарназардошти қонуниятҳои иқтисодӣ ва истифодаи усулҳои мухталифи институтсионалӣ, танзимгарӣ ва барномавӣ амалӣ гардад. Истифодаи самараноки чунин механизм имкон медиҳад, ки сатҳи шуғли аҳолӣ ба таври устувор беҳтар гардида, дар қабули қарорҳои стратегӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ барои таъмини суботи бозори меҳнат ва коҳиши бекорӣ шароити мусоид фароҳам оварда мешавад.

Тадбирҳои мазкур на танҳо ба коҳиш додани бекорӣ ва таъмини шуғли устувор, балки ба эҷоди фазои мусоиди иқтисодӣ, ки рушди устувори ҷомеаро таъмин менамояд, равона шудаанд.

Аз нигоҳи назариявӣ, муносибат ба нақши давлат дар иқтисод ва тарзи дахолати он ба равандҳои иқтисодӣ метавонад бар пояи асосҳои гуногун ва мактабҳои мухталифи иқтисодӣ ташаккул ёбад. Назарияҳои гуногун сатҳи иштироки давлатро дар танзими иқтисодиёт бо роҳу усулҳои мухталиф муайян мекунанд, ки аз дахолати ҳадди ақал то идоракунии фаъолона ва сиёсати иқтисодии ҳадафмандро дар бар мегирад. Аз як тараф, шахсони тарафдори ин равишҳо бар онанд, ки дахолати давлат барои таъмини тавозун ва тартиботи бозори озод, ҳифзи манфиатҳои ҷомеа ва пешгирии тағйироти

манфӣ дар натиҷаи фаъолияти бебарқияти бахши хусусӣ зарур аст. Аз ҷониби дигар, мунтақидони ин назария бар онанд, ки дахолати давлат ба иқтисод метавонад самаранокии бозорро коҳиш дода, рушди табиии онро маҳдуд созад. Ба назари онҳо, механизмҳои бозорӣ худ метавонанд тавозуни заруриро таъмин намуда, бойси самаранокии бештар ва тақсими оқилонаи захираҳо гарданд.

1. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 - юми июни соли 2021, таҳти № 267) ҷавобгӯ буда, бо забони давлатӣ омода гардидааст.

2. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)), ки тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 декабри соли 2021, таҳти № 349 ба шурои диссертатсионӣ ҳуқуқи қабули диссертатсияҳоро барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур додааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 – уми майи соли 2023, таҳти № зарур аст 6 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 51 мақолаи илмӣ, аз онҳо 23 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ба табъ расонида шудаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба талаботи банди 34 ва сархати аввали банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 - юми июни соли 2021, таҳти № 267) ҷавобгӯ мебошад.

3. Дар диссертатсияи Одиназода Комрон Саидаброр истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шуданд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) гувоҳӣ медиҳад.

4. Асолати матни автореферати диссертатсия 90,43% ва диссертатсия 82,71% аз ҳаҷми умумии кор ифода мекунад, ки бо маълумотнома тасдиқ карда шудааст. Иқтибосҳо ба расмият даровaрда шуданд.

5. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Одиназода Комрон Саидаброр маълумоти носаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯ чоп нагардида мавҷуд нест.

6. Мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, таҳти №267) ва талаботи бандҳои 67, 69, 74-75, Тартиби додани дараҷахои илмӣ 3 (карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, таҳти №267) ба ӯхда гирифта, комиссияи экспретии шурои диссертатсионӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Одиназода Комрон Саидаброр дар мавзуи «Такмили танзими давлатии бозори меҳнат дар алоқамандӣ бо равандҳои муҳоҷират: назария, методология ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) ба шурои диссертасионии 6D.КОА-004-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин муқаррар карда шаванд:

- **Қодирзода Диловар Баҳриддин** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- **Ҷонмамадов Шермамад Бекмамадович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

- **Ғоибназарзода Саид Муҳаммадназар** - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия Муассисаи давлатии “Пажуҳишгоҳи илмӣ - таҳқиқотии меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ”- и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис, ба микдори 100 дона иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
аъзои Шурои диссертатсионӣ Умаров Х.У.

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
аъзои Шурои диссертатсионӣ Шерова Н.Д.

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
аъзои Шурои диссертатсионӣ Комилов С.Ҷ.
02.06.2025